ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Исматзода Рустам Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) (ш. Душанбе, 2026 - 41 саҳ.)

Автореферати диссертатсияи Исматзода Рустам Абдусалом мутобиқ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқоти анҷомдодашударо ба таври пайдарпай, возеҳ ва мантиқӣ инъикос менамояд. Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки довталаб мавзуи дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии ҷиддиро интихоб намуда, масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор додааст.

Дар автореферат унсурҳои асосии кори илмӣ, аз ҷумла мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмет, асосҳои назариявию методологӣ, заминаи эмпирикӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳо, инчунин нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба таври кофӣ ва дар робитаи мантиқӣ бо мазмуни диссертатсия баён гардидаанд. Ин ҳолат имкон медиҳад, ки сатҳи таҳлили илмии масъала, мустақилияти довталаб ва аҳаммияти хулосаҳои бадастомада дуруст арзёбӣ карда шавад.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Мубрамияти мавзу, чи тавре худи муаллиф қайд менамояд, дар он ифода мегардад, ки дар Тоҷикистони муосир дар ҷараёни гузариш аз низоми маъмурию фармондеҳии идоракунии хоҷагии халқ ба муносибатҳои бозаргонӣ мушкилоти муборизаи бо ҷиноятҳкории иқтисодӣ ва аз ҷумла «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)», шадидияти хосса пайдо кардаанд. Сатҳи баланди хавфҳои иқтисодӣ ва сиёсии хоси иқтисоди ватанӣ дар муҳити номусоиди макроиқтисодӣ ва сармоягузории дар давлат ташаккулёфта зоҳир мешавад. Ин вазъ дар якҷоягӣ бо воридоти беназорати техникаи бисерфункционалии полиграфӣ ва нусхабардорӣ барои васеъ кардани миқёси пулҳои қалбакӣ, инчунин барои тағйир додани ҳолатҳои миқдорӣ ва сифатии он, аз ҷумла дар қисми мураккабии иҷрои қалбакии

он, заминаҳои мусоид фароҳам меорад. Дар ин ҳолат қафомонии муайяни заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва фишангҳои татбиқи ҳуқуқ дар самти муқовимат ба «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» ба қайд гирифта мешавад. Инро, аз ҷумла, сатҳи нисбатан пасти ошкоршавии ҷиноятҳои дахлдор нишон медиҳанд, ки камбудиҳои мавҷударо дар низоми ошкор ва пешгирии чунин кирдорҳо инъикос мекунанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки гарчанде дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан дар моддаи 281-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), пешбинӣ гардидааст, аммо то ҳол баъзе масъалаҳои баҳсбарангези хусусияти бандубасткунандае мавҷуданд, ки дар амал татбиқ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти мазкурро мушкил мегардонанд. Аз ин рӯ гузаронидани таҳқиқоти илмӣ дар ин самт, бо дарназардошти аломатҳои объективӣ ва субъективии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ва фарқияти он аз таркиби ҷиноятҳои ба он монанд, саривақтӣ буда барои ҳал намудани мушкилоти ҷойдошта айни муддао мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мавзуи диссертатсияи Исматзода Рустам Абдусалом саривақтӣ, муҳим ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошад. Он ба яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятии муосир бахшида шуда, натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд ҳам барои рушди доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳам барои такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гарданд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои дар автореферат инъикосёфта бо дараҷаи кофии асоснокӣ ва эътимоднокӣ фарқ мекунанд. Онҳо ба таҳлили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши мавқеъҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва истифодаи маводи амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ такя менамоянд.

Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот аз маҷмӯи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла усулҳои диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, оморӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода намудааст. Истифодаи чунин заминаи методологӣ имкон додааст, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), таҳлил карда шаванд.

Заминаи эмпирикии таҳқиқот низ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Дар автореферат ишора мегардад, ки муаллиф нишондиҳандаҳои омории низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маводи зиёда аз 98 парвандаи ҷиноятиро оид ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) омӯхтааст. Ин ҳолат ба хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии пешниҳодшуда дараҷаи муайяни эътимоднокӣ мебахшад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар интишороти илмии довталаб ба таври кофӣ инъикос ёфтаанд. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ ба нашр расидааст, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақолаи дигар дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд.

Дар баробари баҳои умумии мусбат ба автореферат ва диссертатсия, баъзе нуктаҳо хусусияти баҳсӣ доранд ва метавонанд дар ҷараёни ҳимояи илмӣ мавриди шарҳи иловагӣ қарор гиранд.

Муаллиф дар банди “б” пешниҳодҳо оид ба такмилдиҳии моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намудааст, ки то ҳол, диспозисияи м. 281 КҶ ҶТ як қатор ҳаракатҳои муҳимро, ки тарафи объективии ҷинояти мазкурро ташкил медиҳанд, дар бар намегирад, – сухан дар бораи соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол ва фиристодани нишонаҳои пулии қалбакӣ ё коғазҳои қиматнок меравад. Барои бартараф кардани ин камбудии қонунгузорӣ, илова кардани меъёри мазкур бо ҳаракатҳои зикршуда асоснок ба назар мерасад ва онро дар таҳрири зерин овардан зарур аст: «Тайёр кардан, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол, фиристодан бо мақсади ба муомилот баровардан ё ба муомилот баровардани билетҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон, танга ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо асъори хориҷӣ» (саҳ. 14).

Аммо, дар ҳолат саволе ба миён меояд, ки оё мақсади ба муомилот баровардан дар ин таҳрир ба ҳама ҳаракатҳо, яъне тайёр кардан, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол, фиристодан дахл дорад ё танҳо ба охирин? Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки муаллиф ҳангоми ҳимояи диссертатсия оиди ин масъала мавқеи худро боз ҳам мушаххастар баён намояд.

Хулоса. Автореферати диссертатсияи Исматзода Рустам Абдусалом мазмуни асосии кори диссертатсиониро пурра ва бо тартиби мантиқӣ инъикос менамояд. Таҳқиқот дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, дорои навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Исматзода Рустам Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 29-36, 40-41-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда:
директори Институти давлат ва ҳуқуқи
Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон, д.и.ҳ. профессор Мирзозода Парвон Зайналобудин

Суроға: шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи М. Турсунзода 2, хонаи 73.
Тел.: +992 90 740 5550
E-mail: _idhamit@mail.ru

Имзои Мирзозода П.З.-ро
тасдиқ мекунам:
Нозири калони шуъбаи кадрҳо
Институти давлат ва
ҳуқуқи АМИТ Давлатмуродзода Балхия Давлатмурод

Суроғаи муассиса; Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 19;
тел. 8(992)37 221-65-72; 221-65-85,
E-mail: idh@amit.tj.

«20» 11 соли 2026